**Тақриз**

**ба диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода таҳти унвони «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ**

Номшиносии тоҷик, ки бо истилоҳи байналхалқии “Ономастика” маълум аст, дар замони Иттиҳоди Шуравӣ дар забоншиносии тоҷик ворид шуд ва ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз ҷиҳати мазмун равиши хосаи худро пайдо намуд. То ин давра агар таваҷҷуҳи муҳаққиқону муаррихон ва тазкиранависонро ин паҳлуи масъала ба худ ҷалб карда бошад ҳам, вале чун риштаи мустақил дар нигоштаҳои онҳо ҳаллу фасл намегардид. Асосан, маълумоти онҳо дар луғату фарҳангҳо ва осори таърихиву ҷуғрофӣ бо зикри номи маҳал ба анҷом мерасид. Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар бошад, масъалаи ному номшиносӣ таваҷҷуҳи хосаро пайдо кард ва корҳои назаррас низ дар ин самт анҷом дода шуданд.

Барҳақ аст, ки пажуҳишу таҳқиқи номҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ аз ҷанбаҳои умдатарини илми забоншиносӣ мебошад, зеро номҳои маҳал ё номҳои ҷуғрофӣ ва пайдоиши онҳо бо чандин воқеаву ҳодисаҳои таърихӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ робитаи қавӣ дошта, ин унсурҳо боиси инкишофу густариши хазинаи (фонди луғавӣ) забони модариамон гардидаанд. Аз ин ҷост, ки омӯзишу таҳқиқи номҳои маҳал ва пайдоиши онҳо басо кори муҳим ба шумор меравад ва дар забоншиносӣ онҳоро илми топонимика меомӯзад.

Воқеан, пиромуни таърихи ономастикаи забонҳои эронӣ дар заминаи паҳлуҳои гуногуни забоншиносӣ дар кишвари мо ва берун аз он таҳқиқотҳои зиёди донишмандони номшиноси хориҷиву ватанӣ, аз ҷумла, А.В. Суперанский, А.К. Матвеева, С. Распонд, В. Абаев, В.С. Расторгуева, А.З. Розенфелд, А.Л. Хромов, Р. Додихудоев, Ҷ. Алимӣ, Ш. Исмоилов, Н. Офаридаев, С. Сулаймонов, О. Маҳмадҷонов, Д. Ҳомидов, М. Шодиев, Б. Тураев ва дигарон ба ҷанбаҳои гуногуни номшиносии забони тоҷикӣ бахшида шудаанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, дар ин раванд, мавриди пажуҳиши илмӣ қарор додани номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент аз нигоҳи луғавию маъноӣ ва сохторӣ мувофиқи мақсад ба шумор рафта, дар пешрафту ташаккули номшиносии тоҷик такони нав хоҳад бахшид.

Дисертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода масъалаҳои таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакентро дар бар гирифта, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи

ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсияи мазкур тибқи талабот аз муқаддима, се боб бо фарогирии 20 фаслу зерфасли он, хулосаи кори илмӣ, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замима (номгӯйи номҳои ҷуғрофии минтақа) иборат мебошад.

Муқаддимаи диссертатсия масъалаҳои мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифа, объекти таҳқиқ, интихоби мавзуъ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он, сарчашмаи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мутобиқати он бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, сохти рисола ва дигар масъалаҳои муқаддимавиро инъикос намуда, баррасиву пажуҳиши минбаъдаи корро муайян намудааст.

Мубрамии мавзуи интихобнамудаи диссертант дар он ифода меёбад, ки омӯзиши ҷойномҳои минтақаҳои кишвари мо – Тоҷикистон, пеш аз ҳама, як равияи нав дар забоншиносии тоҷик маҳсуб мешавад. Дар ҳақиқат, омӯзиши ҷойномҳо барои ифодаи хусусиятҳои объектҳои ҷуғрофӣ ва мавқеи ҷойгиршавии онҳо муҳим ба шумор рафта, ҷиҳати муайян намудани хешигариву мансубияти забонҳо ва халқҳо ба ин ё он миллат, забону фарҳанг ва дигар анъанаҳои онҳо мусоидат менамояд.

Навгонии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал топонимҳои минтақаи Панҷакент дар натиҷаи таҳқиқот бо таомули муқаррарии илмӣ манзур мешавад, ки он бо дастрасии маълумоти амиқ таҳлилшуда, барои бештар муайянкунии боэътимоди хронология, пайдоиш ва иқтибоси ҷойномҳои минтақаи мазкур имкон додаву мусоидат менамояд.

Боби якуми рисола таҳти унвони «Таҳқиқи луғавию маъноии топонимҳои минтақаи Панҷакент» аз 14 фасл ташкил ёфтааст. Дар бахши аввали боби якум масъалаҳои назариявии номҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, ҳамзамон, аз корҳои илмии олимони хориҷию ватании ба мавзуи ном ва номшиносӣ бахшидашуда ёдоварӣ шудааст. Маҳз, дар ин қисмат маводди топонимии минтақа, дар такя ба андешаҳои олимони соҳа, аз рӯйи хусусиятҳои хоси худ гурӯҳбандӣ гардида, тибқи нақшаи корӣ дар 14 зербахш шарҳу таҳлил карда шудааст.

Боби дуюми диссертатсия «Дараҷаи омӯзиши микротопонимҳои минтақаи Панҷакент» унвон дошта, аз 2 фасл таркиб ёфтааст. Дар ин боб муаллиф андешаҳои илмии олимони номшиносро перомуни шарҳу тафсир ва таърихи бaромади номвожаҳои минтақаи Панҷакент зикр намуда, то ба ҳол пурра муайян ва таҳлил наёфтани номҳои ҷуғрофии ҳудуди Тоҷикистон, аз ҷумлаи минтақаи Панҷакентро қайд намудааст. Дар боби мазкур таҳлили решашиносии баъзе аз номвожаҳои минтақаи Панҷакент нишон дода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия ба «Таҳлили сохтории номвожаҳои

ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» бахшида шудааст. Дар ин қисмати кор, ки аз аз 4 фасл иборат аст, масоили омӯзиши сохтори номвожаҳои минтақа, гурӯҳбандии номвожаҳои минтақа аз лиҳози сохту таркиб мавриди таҳлилу пажуҳиш қарор дода шудаанд.

Хулосаи диссертатсия чун талабот анҷом дода шудааст ва натиҷаи амалии пажуҳиш дар 23 банди алоҳида хулосабарорӣ карда шудааст.

Навгониҳои пажуҳиш ва таҳлилу баррасии мавзуи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки:

1. Нахустин маротиба омӯзиши ҷанбаҳои сохторию таркибӣ ва луғавию семантикии номҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент ба таври низомнок аз нигоҳи маъно, баромад, ташаккул, сохтор ба роҳ монда шудааст.

2. Муайян гардидааст, ки аз нигоҳи таърихи баромади номҳои мавзеъҳи ҷуғрофии минтақа аксарияти номвожаҳо баромади суғдӣ-яғнобӣ доранд.

3. Нишон дода шудааст, ки дар баробари номвожаҳои худии забон, ҳамчунин, номҳои иқтибосии арабӣ, туркӣ-муғулӣ ва русӣ низ дар номномаи мавзеъҳои ҷуғрофӣ мавҷуд мебошанд.

4. Бори аввал шаклҳои сохторию таркибии номвожаҳои минтақа омӯзиш ва гурӯҳбандӣ карда шудааст.

5. Таҳлили низомноки номвожаҳои минтақа барои омӯзиши номшиносии тоҷик маводди хуби илмӣ ба ҳисоб рафта, дар таҳия ва тартиб додани луғатномаҳои мавзеъҳои ҷуғрофии кишвар хизмати арзанда хоҳад намуд.

Қайд бояд дошт, ки хулосаҳо ва масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ аз ҷониби диссертант дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, нуктаҳои асосии он дар 12 мақола инъикос ёфтаанд, ки 5-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидаанд.

Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсияи илмӣ мебошанд.

Феҳристи адабиёт дар асоси талабот ва меъёрҳо мураттаб гардидааст.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари комёбию муваффақиятҳои назаррасӣ илмӣ баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва камбудиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо барои боз ҳам боло рафтани эътимоднокии илмии рисола манфитовар хоҳад буд:

1. Қабл аз ҳама баъзе ғалатҳои имлоӣ ва услубию китобатӣ дар диссертатсия ба назар мерасанд (саҳ. 9, 10, 13, 22, 29, 30, 33, 34, 44. 55, 73, 78 ва амсоли инҳо), ки ислоҳи онҳо сифати корро баландтар хоҳад намуд.

2. Дар саҳифаи 20-уми диссертатсия маводи топонимии минтақа ба 5 гурӯҳ ҷудо гардида, гурӯҳи 4-уми ин тақсимотро “Антропонимҳо” номгузорӣ кардааст. Дар саҳифаи 48-ум низ зербахши боби аввал таҳти ин унвон “Антропонимҳои минтақа” зикр гардидааст ва дар оғози ин зербахш низ доир ба антропонимия маълумот дода, андешаҳои олимонро оид ба исмҳои хос чун иқтибос истифода намудааст. Сипас ба таҳлилу баррасӣ ва истифодаи онҳо дар минтақаи мазкур пардохтааст. Гарчанде ки номҳои мавзеъҳои ҷуғрофии минтақа ба номи исмҳои хос гузошта шуда бошад ҳам, онҳо аллакай ҳамчун номи мавзеи ҷуғрофӣ истифода мегарданд, на чун исми одамон. Аз ин рӯ, муаллиф бояд ин зербахшро бо истилоҳи “антропотопонимҳо” иваз намояд, ки ин ба мақсад мувофиқ мебошад.

3. Ҳангоми ёдоварӣ намудан аз методи омӯзишу таҳлил (аз ҷумла, саҳ. 20) муаллиф иброз доштааст, ки “...ки он аслан дар асоси методи омӯзиши муқоисавӣ-таърихӣ дар ҷанбаи диахронӣ ва ҳамзамонӣ (синхронӣ) баррасӣ мегардад”. Хеле хуб мешуд, агар муаллиф ҳар ду истилоҳро ё бо забони тоҷикӣ, ё бо мафҳумҳои дар забоншиносӣ қабулшуда мавриди истифода қарор медод.

4. Зербоби 1.4-и боби аввал **“Гидронимҳо (ва лимнонимҳо)-и минтақа”** унвон гирифтааст. Ҳангоми баррасии номвожаҳои гидронимӣ (саҳ. 45-46) ба ғайр аз лимнонимҳо дигар намуди гидронимҳо низ ба назар мерасанд. Пас хеле хуб мешуд, ки унвони зербоб ба **“Гидронимҳои минтақа”** иваз карда шуда, дар дохили кор ба гурӯҳбандии гидронимҳо диққати ҷиддӣ дода мешуд.

5. Дар саҳифаҳои 62-67 этнотопонимҳо, ки номвожаҳо вобаста ба қавму миллату халқият номгузорӣ шудаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар ин зербахш перомуни этнотопонимия маълумоти бисёри назариявӣ оварда шуда, иқтибосҳои олимони соҳа низ зикр карда шудааст, вале вобаста ба таҳлили этнотопонимҳои минтақа камтар маълумот оварда шудааст. Инчунин, баъзе аз номвожаҳо аз қабили “Ҳавзак”, “Хиргасанг”, “Тошмунор”, “Ҷарлокҷар”, “Рабочий Посёлок”, Шахтёрская Поселка”, “Қаракамар” ва “Чукир” ҳарчанд ба ин ё он забон алоқамандӣ дошта бошанд ҳам, вале ба этнотопонимия дохил намешаванд.

6. Аломатҳои китобатӣ дар таърифи “Этимология” дар сархати 1-уми саҳифаи 71 дида шаванд, ки риоя нагардидани онҳо ба нофаҳмии таърифи истилоҳ оварда расонидааст.

7. Андеша, таҳлил ва маълумотҳои саҳифаи 131-132, 134-136, сархати 2-юм ва 3-юми саҳифаи 137 ва саҳифаи 138-139 бештар ба қисмати муқаддимавӣ тааллуқ доранд.

Албатта, камбудиҳои ҷойдошта моҳияти илмии диссертатсияро коста нахоҳанд кард ва ҳамаи онҳо характери тавсиявӣ доранд.

Диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода таҳти унвони «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ ба талаботи «Низомномаи Шурои диссератсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Н.и.ф., дотсенти кафедраи забонҳои
Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон Қурбонмамадов С.Х.

**Имзои Қурбонмамадов С.Х.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон Асоев С.П.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ХАТЛОН
ТАСДИҚ МЕКУНАМ
имзо
«21» 12 с.23

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ХАТЛОН
ШУЪБАИ КАДРҲО

**Нишонӣ:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Данғара, кӯчаи И.Шариф 3.
Тел: (+992) 93 516 01 48.
E-mail: somon8383@mail.ru.

“21” декабри соли 2023